«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло

«28» 12 2024.

Тақризи

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Раҳимӣ Миҷгона Раҳим дар мавзуи «Таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол» (дар заминаи ашъори Раҳмат Назрӣ, Фарзонаи Хуҷандӣ ва Озари Салим) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ**

**Мутобиқати мухтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм**

Диссертатсия Раҳимӣ Миҷгона Раҳим дар мавзуи «Таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол» (дар заминаи ашъори Раҳмат Назрӣ, Фарзонаи Хуҷандӣ ва Озари Салим) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқат мекунад.

Тасвир симои зан-модар аз мавзуъҳои ҷовидонаи адабиёт буда, аз ибтидои пайдоиши шеъру шоирӣ оғоз меёбад ва дар ҳеч замоне аз мадди назари суханварон дур намондааст. Воқеан, дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ образҳое ҳастанд, ки собиқаи куҳан дошта, дар ҳар даврае бо тарзҳои мухталиф, ҳам дар мазмун ва ҳам дар шакл, ба тасвир омадаанд. Яке аз ҳамин гуна образҳои ҷовидонаи адабиёт образи зан-модар мебошад, ки тасвири густардае дар таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дорад ва ба тавре ки шоиста аст, таҳқиқ нашудааст. Бояд зикр кард, ки мавриди таҳқиқ қарор додани тасвири образҳои шеърӣ ва ба ин роҳ муайян намудани ҳунари шоирӣ ва диди зебоишиносии суханварони як марҳалаи адабӣ ва ё шоирони ҷудогона, ки аз масъалаҳои муҳимми илми адабиётшиносӣ ба ҳисоб меравад, дар адабиётшиносии тоҷик камтар ба назар мерасад.

Аз ин ҷиҳат ба сифати рисолаи номзадӣ баргузида шудани мавзуи “Таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол (дар заминаи ашъори Раҳмат Назрӣ, Фарзонаи Хуҷандӣ ва Озар Салим)” аз тарафи унвонҷӯи ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Раҳимӣ Миҷгона Раҳим аз нигоҳи имрӯз мубрамият дошта, хеле актуалӣ ва бамаврид мебошад.

Диссертатсия дар асоси сарчашмаҳои зиёди адабию асарҳои таткиқотии донишмандони ватанию хориҷӣ навишта шуда, дар таълифи кор муаллиф осори зиёди суханварони асримиёнагӣ ва муосирро истифода бурдааст. Муаллиф дар асоси усули таърихӣ-қиёсии омӯзиши осори адабӣ ба таҳқиқи масоили мавриди назар пардохта, ба дастовардҳои донишмандони хориҷию ватанӣ такя кардааст. Раҳимӣ Миҷгона Раҳим дар асоси далелу мадракҳои гӯё мавзуи мавриди таҳқикро баррасӣ намуда, натиҷаи дилхоҳ ба даст овардааст. Азбаски муроди муаллифи рисола таҳқиқи ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқ аст, рисола ба ҳамин мақсад ба бобҳо ва фаслу зерфаслҳо тақсим шуда, ки ҳеҷ як масъалаи марбут ба мавзуъ аз назар дур намондааст.

Масъалаҳои баррасишаванда дар диссертатсия, аз ҷумла сайри таърихии тасвири симои зан-модар дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, тасвири симои зан-модар дар адабиёти асримиёнагии форсӣ-тоҷикӣ, занситезӣ дар ҷомеаи асримиёнагӣ ва бозтоби он дар адабиёти ин давара,тасвир ва тавсифи симои зан-модар дар ашъори шоирони муосири тоҷик, таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри шоирони замони Истиқлол, ҷанбаҳои ҳунари шеъри замони Истиқлол дар тасвири симои зан-модар аз ҷумлаи масъалаҳое ҳастанд, ки бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик мавриди таҳқиқи монографӣ қарор мегиранд. Гарчанде дар адабиётшиносии тоҷик доир ба масоили гуногуни эҷодиёти шоирони замони Истиқлол, алалхусус Раҳмат Назрӣ ва Фарзонаи Хуҷандӣ корҳои таткиқоии боарзише анҷом шудаанд, аммо дар ҳеч яке онҳо масъалаҳое, ки муаллифи диссертатсия таҳти унвони “Таҳаввули симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол (дар заминаи ашъори

Раҳмат Назрӣ, Фарзонаи Хуҷандӣ ва Озар Салим)" мавриди таҳқиқу қарор додааст, ба назар намерасанд. Муҳаққиқон ҳангоми баррасии мавзуи ашъори шоирони замони Истиқлол ба тасвири симои зан-модар таваҷҷуҳ намуда, шарҳи кӯтоҳе овардаанду бас. Вале дар диссертасияи М.Р. Раҳимӣ сайри таърихии тасвири симои зан-модар аз оғози адабиёти форсӣ-тоҷикӣ то замони муосир баррасӣ шуда, таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол дар заминаи ашъори намояндагони се насли шоирони ин аҳд: Раҳмат Назрӣ, Фарзонаи Хуҷандӣ ва Озар Салим ба таври монографӣ таҳқиқ шуда, ки дар адабиётшиносии тоҷик сухани нав аст.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.** Саҳми фардии диссертант дар омӯзиш ва таҳқиқи таҳаввули тасвири симои зан- модар дар шеъри тоҷики замони Истиқлол, таъини заминаҳои пайдоиш ва ташаккулу таҳаввули мавзуи мазкур дар адабиёти беш аз 3000-солаи форсӣ-тоҷикӣ, ҷамъоварии маводи фаровон сарчашмаҳои дараҷаи аввал ва коркарди онҳо, муайян намудани мушаххасоти шеъри замони Истиқлол ва вижагиҳои сабкии шоирони ҷудогона дар тасвири мавзуи мавриди таҳқиқ, таъини ҷанбаҳои ҳунарӣ ва завқи зебоишинохтии онҳо дар тасвирҳои шоирона, омода намудани мақолаву маърузаҳо доир ба мавзуи таҳқиқ зоҳир мегардад.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки дар диссертатсия бори нахуст таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол ба таври монографӣ мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифта, заминаҳои ташаккулу таҳаввули мавзуъ муайян гардидааст. Барои ҳалли комили мавзуъ муаллиф мавқеъи зан-модарро дар ҷомеаи ақвоми ориёӣ бо такя ба муҳимтарин сарчашмаҳо муайян намуда, бозтоби онро дар осори адабии аҳди бостон бо далелҳои илмӣ собит намудааст. Таъини мақому

манзаллати зан дар Қуръон ва аҳодиси набавӣ, сабабҳои занситезию пасту заиф шумоKридани зан дар ҷомеаи асримиёнагӣ ва бозтоби он дар адабиёти ин давра ва таъини орояҳои ҳунарӣ дар тасвирҳои шоирона ва завқи зебоишинохтии шоирони замони Истиқлол ҳангоми тасвири симои зан-модар аз навгонии муҳимми диссертатсия ба шумор меравад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи зан-модар дар ҷаҳони муосир на танҳо баҳси илми адабиётшиносӣ, балки баҳси илмҳои мардумшиносӣ, ҷомеашиносӣ, таърихшиносӣ,фарҳангшиносӣ ва илмҳои дигар низ мебошад.Аз сӯйи дигар, шеъри тоҷикӣ дар замони Истиқлол ҳам аз ҷиҳати мавзую муҳтаво ва ҳам аз лиҳози шакл хеле густариш ёфт ва дар баробари он масъалаҳои зиёде ба миён омаданд, ки ҳалли ногузири худро талаб доранд ва яке аз ин масъалаҳо таъини мақоми зан-модар дар ҷомеа ва бозтоби он дар адабиёт мебошад. Аз ин рӯ, натиҷаҳои тадқиқотро метавон дар навиштани таърихи адабиёти тоҷик, алалхусус адабиёти замони Истиқлол, китобҳои дарсӣ, курсу семинарҳои ихтисос доир ба тасвирҳои шоиронаву образҳои шеърӣ дар адабиёти муосири тоҷик барои донишҷӯён ва доираи васеи хонандагон истифода бурд. Ҳамчунин,дастовардҳои диссертатсияро ҳангоми навиштани китобҳои дарсии “Адабиёти тоҷик” барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ метавон истифода бурд.

Диссертатсияи М.Р. Раҳимӣ дар ҳаҷми 185 саҳифаи чопи компютерӣ танзим шуда,аз муқаддима, се боб, ки ҳар як дорои фаслҳо ва зерфаслҳоянд, хулоса, рӯйхати адабиёт ватавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқ иборат аст. Унвони бобҳову фаслҳо ва зерфаслҳо бозгӯйи чигунагии сифати илмии рисолаанд. Нақшаи кор чунон таҳрезӣ шуда, ки ҳеҷ як масъалаи марбут ба мавзуи таҳқиқ канор намондааст. Сохтори диссертатсия ба хусусият ва характери масъалаҳои мавриди таҳқиқ мувофиқат мекунад.

Дар муқаддимаи диссертатсия унвонҷӯ дар бораи мубрамии мавзуъ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, методҳои таҳқиқ ва сарчашмаҳои

таҳқиқ, навоварии он, арзишҳои амалию назарии диссертатсия, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркарду татбиқи натоиҷи бадастомада изҳори назар карда, ки ҳама қобили қабул аст.

Боби якуми рисола "Сайри таърихии тасвири симои зан-модар дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ" унвон дошта, аз се фасл иборат аст. Унвонҷӯ бар он назар аст, ки "барои таҳқиқи дақиқу ҳамаҷонибаи тасвири зан, хусусан образи модари тоҷик дар шеъри замони Истиқлол бояд сараввал, заминаҳои пайдоиши ин образ ва ташаккулу такомули онро дар таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ баррасӣ намуд"(Диссертатсия,с.,12). Ба ин мақсад муаллифи диссертатсия дар боби аввал тасвири симои зан-модарро дар устураҳои эронӣ ва адабиёти аҳди бостон, то адабиёти муосири тоҷик баррасӣ намуда, муҳимтарин хусусиятҳои тасвири симои зан-модар дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ мушаххас намудааст. Натиҷае, ки М.Р.Раҳимӣ аз таҳқиқи ин масъала ба даст овардааст, қобили таваҷҷуҳ буда, пояи илмию мантиқӣ доранд: "Мафҳуми зан-модар ва мақоми бузурги ӯ дар зиндагии инсон боис шуда, ки тамоми расму русум, дини оин, ҷашнҳо, эътиқоту боварҳо ва умуман тамоми суннатҳои миллии мардуми тоҷик тавъам бо исми ин отифаи ҳусну зебоию ишқ ва намоди меҳрубонию ҷонфидоӣ рақам хурад. Суннатҳое, ки имрӯз дар шеъри муосири тоҷик ҳангоми тасвири симои зан-модар ба назар мерасанд, реша дар қаъри асрҳо доранд"(Диссертатсия, с.12).

Қисмати асосии диссертатсия аз боби дуюм оғоз мешавад, ки "Таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол» унвон дошта, аз чаҳор фасл иборат аст. Муаалифи диссертатсия дар ин боб бо такя ба таҳқиқоти донишмандон нахуст, мафҳуми "Адабиёти замони Истиқлол"-ро равшан намуда, ҳудуди замонӣ ва шоироне, ки дар ин даврон эҷод намудаанд, муайян менамояд. Сониян, бо такя ба таҳқиқоти анҷомшуда дар ин мавзуъ ва раванди таҳаввули шеър дар ин давра шоирони замони Истиқлол ба се насл тақсим намуда, ашъори дар мавзуи зан-модар сурудаи онҳо таҳқиқ намудааст. Аз он сабаб, ки теъдоди шоирони замони Истиқлол ба маротиб зиёданд, унвонҷӯ аз ҳар

се насл шоироне интихоб намудааст, ки бо таҳқиқи ашъори онҳо метавон раванди таҳаввули тасвири симои зан-модарро дар адабиёти ин давра муайян кард. Аз ин дидгоҳ унвонҷӯ барои таъини таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол ашъори Раҳмат Назрӣ, Фарзона ва Озар Салимро, ки ҳар як намояндаи се насли шоирони замони истиқлоланд, ба сифати сарчашмаи асосӣ интихоб намудааст. М.Р. Раҳимӣ адабиёти муосири тоҷикро яке аз сарчашмаҳои асосии адабиёти замони Истиқлол медонад ва бо ин иллат дар фасли якуми боби дуюм "Тасвир ва тавсифи симои зан-модар дар ашъори шоирони муосири тоҷик" таҳқиқ намуда, мушаххасоти тасвири симои зан-модарро дар ин давра муайян намудааст.

Дар фасли дуюми боби дуюм муаллифи диссертатсия дар заминаи шеъри Раҳмат Назрӣ, таҳаввули тасвири симои зан-модарро дар шеъри шоирони насли аввали замони Истиқлол матраҳ намудааст. Унвонҷӯ бо далоили илмӣ ва шавоҳиди шеърӣ собит менамояд, ки "дар рушду равнақи шеъри даврони Истиқлол хидмати шоирони насли аввал, яъне онҳо, ки солҳои 60-80 садаи XX ба майдони адабиёт омада буданд, хеле бузург аст. Шоирони насли аввал,ки таҷрибаи ғанӣ дар шеъру шоирӣ доштанд, тавонистанд вобаста ба фазои мусоиди замони бозсозӣ ормонҳои нуҳуфтаи миллатро ба риштаи тасвир кашанд ва ба бедории миллӣ замина гузоранд"(Диссертасия,с.,98). Аз таҳқиқи унвонҷӯ бармеояд, ки яке аз мушаххасоти шеъри замони Истиқлол он аст, ки "шеъри тоҷик аз доираи маҳдуди кишвар берун баромад ва бо шеъри ҳамзабони бурунмарзӣ ҳамово шуду ҷаҳонӣ гашт"(Диссертасия,с.,98). Воқеан, "ошноии шоирони тоҷик бо шеъри ҳамзабонон ҳам дар шакл ва ҳам дар тарзи тасвир ба шеъри онҳо тобишҳои тозаеро бавуҷуд овард"(Диссертатсия, 99). М.Р. Раҳимӣ бо баррасси шеъри шоирони насли аввали замони Истиқлол дар мисоли шеъри Р.Назрӣ собит менамояд, ки дар шеъри шоирони ин насл тасвири симои зан-модари тоҷик хеле ҳунармандона ба тасвир омада, ки дар баробари ҳунармандона буданашон хусусияти тарбиявию эстетикӣ доранд.

Таҳлилу таҳқиқи ашъори ба зан-модар бахшидаи Р.Назрӣ унвонҷӯро ба натиҷа мерасонад, ки тасвири симои зан-модар дар шеъри шоирони насли аввали замони Истиқлол хеле таҳаввулу такомул ёфтааст.

Дар ин фасли севуми боби дувум унвонҷӯ таҳаввули мавзуи тасвири симои зан-модарро дар шеъри насли дувуми шоирони замони Истиқлол, яъне шоироне, ки охири солҳои 80 ва ибтидои соли 90 асри XX ба майдони адабиёт омаданд, дар мисоли ашъори Фарзона таҳилу таҳқиқ намуда, муҳимтарин хусусиятҳои он муайян намудааст. Аз таҳқиқи муалллиф бармеояд, ки дар шеъри Фарзона симои зан-модари тоҷик бештар дар образи қаҳрамони лирикӣ, ки шахсияти худи шоир аст, таҷассум ёфтааст. Муаллифи рисола аз таҳқиқи мавзуъ ба хулоса меояд, ки "дар шеъри Фарзона мавзуи тасвири симои зан модар бо мазмуни тозаву ороиҳои нодири адабӣ зиннат ёфта, таҳаввули бештареро касб кард"(Диссертатсия, с.,143). Воқеан,ашъори Фарзона намунаи беҳтарин ашъори шоирони замони истиқлоланд ва баёнгари таҳаввули мавзуи мазкур дар адабиёти давраи мавриди назаранд.

Дар фасли чаҳорум тасвири симои зан-модар дар шеъри шоирони насли сеюми замони Истиқлол дар мисоли шеъри Озар Салим баррасӣ шудааст. Унвонҷӯ ба насли сеюм шоироне дохил менамояд, ки дар замони Истиқлол чун шоир шинохта шуданд ва ашъорашон низ дар ин давра интишор шудааст. Муаллифи рисола бо баррасии ашъори ба зан - модар бахшидаи Озар Салим ба далелҳои илмӣ ва бо овардани шоҳидҳои шеърӣ собит менаояд, ки мавзуи мавриди таҳқиқ дар ҳоли таҳаввулу такомул аст.

Боби сеюми диссертатсия ба баррасии ҷанбаҳои ҳунарии шеъри замони Истиқлол ҳангоми тасвири симои зан-модар бахшида шуда, унвонҷӯ ҳунари тасвиророии шоирони ин давраро дар мисоли шеърҳои Раҳмат Назрӣ, Фарзона ва Озар Салим таҳқиқ намудааст.

Дар "Хулоса"-и диссертатсия ба таври ҷомеъ натоиҷи таҳқиқи унвонҷӯ аз таҳқиқи мавзуъ дар 17 банд пешниҳод гардида, ки пояи илмӣ доранд. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаи таҳқиқ дар 8 банд

оварда шудааст, ки  дурнамои мавзуи таҳқиқи диссертатсияро нишон медиҳанд. Рӯйхати адабиёт бар асоси меъёр ва талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мураттаб гардидааст. М.Р. Раҳимӣ дар рафти  таҳқиқ маводи фаровон ва арзишмандро ҷамъ овардааст ва барои собит намудани андешаҳои худ ба осори таълифшудаи асримиёнагӣ ва асарҳои тадқиқотии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ такя намуда, ақидаҳои худро низ доир ба нуктаҳои баҳсталаби мавзуъ баён карда, гоҳе ба андешаҳои онҳо ба назари интиқодӣ нигаристааст.

Аз мутолиаи диссертатсия бармеояд, ки М.Р. Раҳимӣ муҳаққиқи ҷуёву пӯё, хушсалиқа, заҳматкаш ва хушсавод аст, касби худро дӯст медорад. Вай қодир аст, ки дар асоси бурҳону далелҳо бо донишмандони варзида баҳс  намуда, фикри худро изҳор намояд. Ӯ ҳақиқати бадеӣ ва ҳақиқати зиндагиро метавонад ташхис бидиҳад, адабиётро чун санъати сухан пажӯҳиш ва шарҳ диҳад. Ин комёбии ба назар намоёни муаллифи рисола аст. Забони диссертатсия забони илмӣ буда, аз дониши  муаллиф доир ба мавзуи мавриди таҳқиқ дарак медиҳад. Унвонҷӯ аз методҳои таҳқиқии муосир, алалхусус равишҳои муқоисавӣ-таърихӣ, тавсифӣ-таҳлилӣ, таҳқиқӣ-қиёсӣ, таҳлилӣ-оморӣ ва ғайра огоҳона истифода бурда, мавзуъро ба таври комил ҳаллу фасл намудааст.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсияи мавриди тақриз баъзе норасоиҳо ба назар расиданд, киислоҳи онҳо ба манфиати кор аст:

1. Пеш аз ҳама, хатоҳои техникӣ, монанди афтодани ҳарфҳо, бадал шудани ҳарфҳо, масалан, ба ҷойи ҳарфи “а” омадани ҳарфи “о”, ва хатоҳои услубию имлоӣ сифати рисоларо андаке коҳидааст.
2. Иқтибосҳо ва шоҳидҳои шеърӣ тӯлониянд, муаллиф метавонист бо як- ду байт қаноат кунад ва бо нишон додани нишонаю саҳифаи китоб идома онро ба хонанда вогузорад.
3. Муаллифи рисола бештар аз шеърҳои асили шоирони замони Истиқлол сухан мегӯяд ва онҳоро таҳлил мекунад. Дар шеъри шоирони замони Истиқлол ашъори зиёде ба зан-модар ихтисос додаранд, ки аз лиҳози шеърият хеле заифанд. Агар ин гуна

ашъор таҳлил шуда, камбудию норасоии онҳо ошкор мегардид, ҷанбаҳои танқидии рисола меафзуд.

4. Дар автореферати диссертатсия низ баъзе хатоҳои имлоию техникӣ ба назар расиданд.

Эродҳои баёнгашта ҷузъи буда, ҳаргиз арзиши илмии рисоларо намекоҳанд, зеро муаллиф вазифаҳои дар пеш гузоштаашро дар сатҳи хуби илмӣ ба анҷом расонидааст

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи Раҳимӣ Миҷгона Раҳим дар мавзуи «Таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол» (дар заминаи ашъори Раҳмат Назрӣ, Фарзонаи Хуҷандӣ ва Озари Салим) бо ихтисоси интихобшуда  комилан мувофиқ мебошад. Мавзуъ ва мазмуну муҳтавои диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқ, ки дар шиносномаи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ зикр гардидаанд, мувофиқат менамояд. Муҳтавои диссертатсия бо автореферати он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ иншо шудааст, мувофиқати комил дошта, мундариҷаи корро бо мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф пурра инъикос мекунанд.

Диссертатсия Раҳимӣ Миҷгона Раҳим бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мувофиқ аст. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну мухтавои он ба доираи мавзуъ ва масоили таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ таъин шудаанд, комилан мувофиқат мекунад.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои чопнамудаи  унвонҷӯ  муҳтавои асосии диссертатсияро ифода мекунанд.

**Хулоса**, диссертатсияи номзадии Раҳимӣ Миҷгона Раҳим дар мавзуи “Таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол (дар заминаи ашъори Раҳмат Назрӣ, Фарзонаи Хуҷандӣ ва Озар Салим)” ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавогбгӯ буда, тадқиқоти пурра анҷомёфта маҳсуб меёбад ва  муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи

илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Элбоев Вафо Ҷуракулович омода гардида, дар ҷаласаи кафедраи мазкур санаи 27- декабри соли 2014 муҳокима ва тасдиқ шудааст

Дар ҷаласаи кафедра иштирок дошт: 14-нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 14 нафар, зид- нест, бетараф – нест.

Суратҷаласаи №5, аз 27.12.2024

Раиси ҷаласа:
доктори илми филология, профессор,
мудири кафедраи назария ва таърихи
адабиёти ДДОТ ба номи С. Айнӣ ________ Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович

Эксперт:
доктори илми филология, профессори
кафедраи назария ва таърихи
адабиёти ДДОТ ба номи С. Айнӣ ________ Элбоев Вафо Ҷӯракулович

Котиби илмии ҷаласа
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
назария ва таърихиадабиёти ДДОТ
ба номи С. Айнӣ ________ Шоев Абдуҳамид Абдунабиевич

Имзоҳои Ш.А. Солеҳов, В.Ҷ. Элбоев ва А.А. Шоевро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С.Айнӣ ____________ Мустафозода Абдукарим

Суроғаи муассиси пешбар
734003, ҷумҳурии Тоҷикистон,
Шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121
Тел: +992 (37) 224-13-83; +992(37)224-18-01
E-mail: info@tgpu.tlj; сомонаи расмӣ: www.tgpu.tj

27 декабри соли 2024